## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии В. А. Жуковский”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович ба таҳлилу таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии шарқшиноси барҷастаи асрҳои XIX ва XX-и рус Валентин Алексеевич Жуковский тахсис ёфтааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки мухтассоти рӯзгору осори илмии В. А. Жуковский бори аввал ҳамчун рисолаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки фаъолияти илмии ин донишманди рус серпаҳлӯ буда, дар радифи таҳқиқи самти адабиёти форсӣ, инчунин ба масоили таърих, бостоншиносӣ, фолклор, тасаввуф, дар маҷмуъ фарҳанги форсӣ пардохтааст, ки аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами ин кори таҳқиқӣ мебошад. Бар ин мабнӣ, таҳқиқи мавзуъҳои меҳварӣ ва мухтассоти фаъолияти илмии В. А. Жуковский арзишманд ва муфид дониста мешавад.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона ва мустақил буда, фаъолияти илмии шарқшиноси мумтози рус, ки дар таҳқиқи осори Анварии Абевардӣ, Умари Хайём, Абдуллоҳи Ансорӣ, Бобо Тоҳири Урён, тарҷумаи осори эшон ва махсусан нашри онҳо саҳми назаррас дорад, мавриди омӯзишу пажуҳиши вижа қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба фаъолияти илмии В. А. Жуковский дар пажуҳиши адабиёти катбӣ ва адабиёти

шифоҳӣ, инчунин таҳқиқи масъалаҳои адабиёти тасаввуфӣ метавон имрӯз низ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар густариши равандҳои адабию илмии русу форсӣ, баррасии масоили адабиётшиносӣ, инчунин тақвияти робитаҳои адабию фарҳангӣ маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10. 01. 03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Алиев Суҳроб истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ

таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Пешниҳод мешавад, ки ба унвони мавзуи диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович тағйирот ворид карда шавад ва дар шакли **«В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя пазируфта шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– Тоҳирзода Сурайёхони Тоҳирӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултети Забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷиикстон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ш. З. Суфизода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳ. Раҷабов

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Р. Қ. Раҳмонов

«30» марти соли 2024